*Стандартҳо - кафили пешрафти ҷомеа*

# Стандарт

www.standard.tj /// E-mail info@standard.tj

НАШРИЯИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ №1 (01) 15 январи соли 2022

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИМКОНИЯТҲО - МУСОИДАТ БА РУШДИ ПИЛЛАПАРВАРӢ

**«Ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ, ки барои таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус, барои занону бонувон имконият медиҳад, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки истифодаи самаранокии имкониятҳои мавҷударо таъмин намоянд».**

**Эмомалӣ РАҲМОН**





### Азму иродаи қавӣ ва эътимод ба фардои нек моро ба ҳадафҳоямон мерасонад

*Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар Агентии Тоҷикстандарт вобаста ба иҷрои нақшаву вазифаҳо корҳои назаррас, аз қабили мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва содироти он, ташкили озмоишгоҳҳои нав, мустаҳкам намудани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба рушди соҳаи назорати давлатии сифати молу маҳсулот ва ба роҳ мондани корҳои ободонию бунёдкорӣ ба сомон расонида шудаанд.*

Нигаред ба саҳ.2-3 →

### Ҳамкориҳои босамар - омили асосии пешрафти соҳа



Нигаред ба саҳ.4 →

### Мусоидат ба рушди саноатикунонии кишвар



Нигаред ба саҳ.5 →

### Ҳадаф: назорат ва ҳимояи бозори истеъмолӣ



Нигаред ба саҳ.6 →

# АЗМУ ИРОДАИ ҚАВӢ



**Абдулваҳобзода Темурҷон,**
директори Агентии Тоҷикстандарт

*Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар Агентии Тоҷикстандарт вобаста ба иҷрои нақшаву вазифаҳо корҳои назаррас, аз қабили мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва содироти он, ташкили озмоишгоҳҳои нав, мустаҳкам намудани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба рушди соҳаи назорати давлатии сифати молу маҳсулот ва ба роҳ мондани корҳои ободонию бунёдкорӣ ба сомон расонида шудаанд.*

*Дар робита ба ин, тасмим гирифтем, ки доир ба фаъолияти соҳа бо директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулваҳобзода Темурҷон мусоҳиба анҷом бидиҳем, ки фишурдаи онро манзури хонандагон месозем.*

**- Муҳтарам Абдулваҳобзода Темурҷон фаъолияти Агентиро дар даврони истиқлолият ва сулҳу суботи кишвар чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Истиқлолияти давлатӣ барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзуояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Дар дарозои замонҳо миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст.

Аз рӯзи сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, инчунин, бо шарофати ӯ шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шуд.

Дар даврони истиқлолият на танҳо фаъолияти самту соҳаи мо рушд кард, балки тамоми сохтору идораҳои дигар аз нав эҳё гардид. Метавон бешак гуфт, ки меъмори ин ҳама, яъне Тоҷикистони навин Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Фаъолияти Агентии Тоҷикстандарт ба ҳифзи бозори истеъмолии мамлакат аз воридшавии молу маҳсулоти пастсифат, таъмини риояи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъмини ченаки ягона нигаронида шудааст.

Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти Тоҷикстандарт дар самтҳои стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо мунтазам такмил ёфта, ба комёбиҳои нав ба нав ноил гардид. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 ба Тоҷикстандарт мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Дар робита бо ин дар сохторҳои Агентӣ як қатор тағйирот ворид шуданд.

Агар дар давраи Шӯравӣ дар соҳаи стандартонӣ ва метрология ҳамагӣ 100-150 корманд фаъолият менамуд, дар замони истиқлол сафи кормандон ба маротиб афзуда, айни замон шумораи онҳо бошад, зиёда аз ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Тавассути омӯзишу пешбурди соҳа имрӯз дар Агентӣ 72 нафар корманд дорои унвони эксперти байналмилалӣ мебошанд.

Ҳамзамон, корҳои сохтмонию ободонӣ ва таъмиру тармими биноҳо давом доранд. Сохта ва ба истифода додани марказҳои нави озмоишию ташхисӣ дар Дастгоҳи марказии Агентӣ, дар марказҳои вилояти Суғд, Хатлон, Бадахшон, Исфара, Конибодом, Истаравшан, Панҷакент, Шаҳритус, Лахш, Данғара, Рашт, шаҳри Кӯлоб, Ваҳдат, Турсунзода аз ин қабиланд.

Дар ин давра дар назди озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории Тоҷикстандарт боз бахшҳои нав бо таҷҳизоти замонавӣ ба фаъолият сар кард, ки ин иқдомест дар роҳи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Роҳбарияти Агентӣ барои ба таври зарурӣ фаъолият намудани озмоишгоҳҳо пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад. Бо мақсади таъмини бехатарии маҳсулоти хӯроквории озмоишгоҳҳои Агентӣ, бахусус озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯроквории дастгоҳи марказии Агентии Тоҷикстандарт, Марказҳои Тоҷикстандарт дар вилоятҳои Суғду Хатлон ба талаботи стандарти байналмилалӣ ИСО/МЭК 17025:2005 мутобиқ гардонида шуданд. Айни ҳол, се озмоишгоҳи ташхисии Тоҷикстандарт (Душанбе, Хуҷанд, Бохтар) аз тарафи ташкилоти олмонии “DakKS” ва Маркази миллии аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аккредитатсия шуда ваколати байналмилалиро соҳиб гаштанд. Ин барои эътирофи ташхиси молу маҳсулоти хӯроквориe, ки дар ин озмоишгоҳҳо амалӣ карда мешаванд дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намуда, озмоишгоҳҳои мазкур дар муддати кӯтоҳтарин ва дақиқ муайян кардани нишондодҳои сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯроквориро таъмин менамоянд.




**- Дар доираи корҳои ободонию бунёдкорӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ дар Агентӣ ва марказҳои зертобеи он чи тадбирҳо андешида шудаанд?**

- Бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба роҳ мондани корҳои созандагию бунёдкорӣ дар Агентӣ нақша - ҷорабиниҳои дохилиидоравӣ тартиб дода шуда, тибқи он дар дастгоҳи марказӣ ва марказҳои вилоятию минтақавии Агентӣ, таъсиси озмоишгоҳҳои нав, таъмиру тармими биноҳо, ниҳолшинонию ба тартиб даровардани боғу гулгаштҳои назди биноҳо, сохта ба истифода додани майдончаи варзишӣ ва дигар корҳои вобаста ба ободонӣ амалӣ карда шудаанд.

Дар арафаи 20-умин ҷашни солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии Тоҷикстандарт як толори боҳашамати варзиширо дар маҳаллаи Яккачинори пойтахт мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Ин маҷмааи варзишии бошукӯҳ аз ду ошёна иборат буда дорои 600-ҷойи нишаст барои тамошобин ва шароити зарурӣ барои машқи чандин намуди варзиш бо супориши Президенти мамлакат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Агентии Тоҷикстандарт сохта ба истифода дода шуд.

Сарвари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии маҷмааи мазкур шахсан ширкат дошта, баъди буридани лентаи рамзии он зимни суханрониашон изҳор доштанд, ки “Ин туҳфаи арзандаи Агентии Тоҷикстандарт на танҳо барои кормандони худи Агентӣ, балки ба ҳама сокинону меҳмонони пойтахт дар арафаи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз аст”.

Ҳамзамон, дар доираи корҳои ободонӣ намои биноҳои Агентӣ ва қисмати даромадгоҳи он пурра азнавсозӣ гардида, дар ин замина ҷиҳати ба танзим даровардани коргузорӣ ва қабули намунаҳо тибқи усули Равзанаи ягонаи дохилиидоравӣ якчанд ҳуҷраи нави корӣ (ҳуҷраи қабули намунаҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳуҷраи қабули намунаҳои воситаҳои ченак, ҳуҷраи қабули пардохтҳо, ҳуҷраи қабули мактубҳо, ҳуҷраи рухсатномадиҳӣ, ҳуҷраи қабули шаҳрвандон ва гӯшаи соҳибкор) бо шароитҳои муосири корӣ ба истифода дода шуданд.

Бо мақсади мутобиқ намудани фаъолияти озмоишгоҳи ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ ба талаботи байналмилалӣ дар қисмати бинои Агентӣ аз рӯи лоиҳаи тасдиқшуда корҳои сохтмонии бинои сеошёнаи озмоишгоҳи замонавӣ ба анҷом расонида шуда, бинои мазкур дар арафаи таҷлили 29 – солагии Истиқлолияти давлатӣ бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Суғд моҳи апрели соли 2019 сохтмони бинои 5-ошёнае, ки барои кормандони Марказ дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанд оғоз гардида буд ва баъд аз ба анҷом расидани корҳои сохтмонӣ 12 июни соли 2021 дар раванди сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд, бинои мазкур ба истифода дода шуд.

Илова бар ин, корҳои таъмиру азнавсозӣ дар бинои Раёсати стандартизатсия, метрология,

# ВА ЭЪТИМОД БА ФАРДОИ НЕК

# МОРО БА ҲАДАФҲОЯМОН МЕРАСОНАД



сертификатсия ва нозироти савдои минтақаи Кӯлоб идома дорад.

**- Мусаллам аст, ки дар баробари вазорату идораҳои марбута, инчунин, Агентӣ низ дар татбиқи барномаи давлатии саноатикунонии босуръати кишвар дар доираи салоҳиятҳои муқарраршуда мувоззаф шудааст ва дар ин самт дар соли сипаригардида кадом тадбирҳо андешида шудаанд?**

- Коршиносони соҳа таъкид мекунад, ки истеҳсолоти саноатӣ дурнамои пешбарандаи иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи асосии даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар заминаи он сатҳи зиндагии мардум баланд гардида, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани шаҳрвандони Тоҷикистон коҳиш меёбад.

Татбиқи стратегияи санотикунонии кишвар имкон медиҳад, ки дар корхонаҳои истеҳсолӣ ашёи хоми маҳаллӣ то ҳадди ниҳоӣ коркард шуда, ба содирот маҳсулоти тайёри ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ бо тамғаи "Истеҳсоли Тоҷикистон" равона карда шавад.

Сифати баланди молу маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки дар бозори дохил ва хориҷ харидорони бештарро пайдо намояд. Зеро эътимоди харидор ба сифат ва бехатарии маҳсулот яке аз талаботҳои асосӣ дар роҳи муваффақ шудани корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Дар паёми имсола Пешвои миллат, мисли паёмҳои қаблӣ ба рушди бемайлони соҳибкории ватанӣ ва дар ин замина таҳкими истеҳсолот ва рақобатпазир намудани маҳсулоти ватанӣ аҳамияти хоса зоҳир намуда ба маврид таъкид карданд, ки: «Захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳанд, ки тавассути коркарди пурраи маъдан, аз ҷумла, металлҳои рангаву қиматбаҳо, инчунин, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш соҳаҳои саноати металлургия, сабуку хӯрокворӣ ва дорусозӣ рушд намуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин карда шавад».

Бо мақсади баланд бардоштани сифат ва таъмини бехатарии маҳсулоти ватанӣ, таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда, мусоидат ба саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди содирот аз ҷониби мутахассисони Агентӣ асосан корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектҳои истеҳсолиро вусъат дода шуд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки яке аз омилҳои асосии мусоидат ба рушди содирот ва муаррифии маҳсулоти ватанӣ ин иштироки корхонаҳои истеҳсолӣ дар озмунҳои миллӣ ва минтақавӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон, ҷиҳати баланд бардоштани сифати маҳсулоти ватанӣ ва таъмини рақобатпазирии он дар бозори истеъмолӣ Агентӣ дар ду сол як маротиба озмуни «Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баргузор мекунад.

Бо мақсади мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва рушди саноатикунонӣ дар соли 2021 аз тарафи шуъбаи низоми менеҷменти сифат ва бахшҳои дар марказҳо буда, дар 75 корхонаи ватанӣ ҷорӣ намудани низоми менеҷменти сифат ва корҳои сертификатсионӣ ба сомон расонида шуд, ки ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 20 корхона зиёд буда, 136%-ро ташкил медиҳад.

Айни ҳол тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ - 172 сертификати 154 корхонаи ватанӣ амалкунанда мебошанд, ки 21-тои он низоми ҳамгироӣ (интегрированная система) доранд.

**- Дар самти баҳодиҳии мутобиқат ё расмиёти сертификатсияи молу маҳсулот чӣ корҳо анҷом дода шуд?**

- Бо мақсади содагардонии расмиёти содироти маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати дар муҳлати камтарин, яъне дар давоми як рӯз ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ва кӯтоҳ намудани вақти ташхис дар Агентӣ ва марказҳои зертобеи он тадбирҳои мушаххас андешида шуда, айни замон дар ин самт барои кишоварзону содиркунандагони маҳсулоти кишоварзӣ монеа вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, нисбати 180 744 тонна меваю сабзавоти содиротӣ корҳои сертификатсионӣ гузаронида шуд.



Бояд қайд кард, ки аз 1 сентябри соли 2020 дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, № 410 барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ тавассути низоми «Равзанаи ягона» оғоз шуд ва айни замон расмиёти сертификаткунонӣ бо риояи талаботи низоми мазкур ба роҳ монда шудааст.

**- Агентии Тоҷикстандарт дар соли 2022 ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳа чӣ нақшаҳоро рӯи даст дорад?**

Инак, боз як соли дигар сипарӣ гашт. Соли тақвими зиндагӣ, соли масири таърих, соли бобарору муваффақиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ, соли дастовардҳои сиёсӣ, соли гузориши қадамҳои устувор дар рушду нумӯи Тоҷикистони азиз, соли болоравӣ дар нуфузи байналхалқӣ!

Воқеан, соли 2021 барои мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла кормандони Агентӣ аз бисёр ҷиҳат соли хотирмону таърихӣ ба ҳисоб меравад, зеро кишвари азизи мо дар ин сол низ зери сиёсати хирадмандонаю созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастоварду пешравиҳои басо муҳимму назаррас ноил гардид ва ҷашни бузурги миллӣ -30 - солагии Истиқлолияти давлатиро, ки муҳимтарин санаи таърихӣ барои халқи куҳанбунёди тоҷик мебошад, бо дастовардҳои шоён таҷлил намуданд.

Дар соли сипарӣ аҳли Агентӣ ва кулли кормандони минтақаҳо фаъолиятдоштаи он дар ҳифзи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, дар риояи меъёрҳо, дар низоми назорати давлатии воситаҳои ченак, дар нигоҳ доштани сифатгароию зебопарастӣ барои пешрафти ҳаёти ҷомеа шарик буда, дар ҷамъбасти натиҷаҳои сол низ ҳиссагузор буданд.

Акнун таманноии онро дорем, ки соли нави 2022-ро, ки умедворем соли музаффариятҳои бузурги меҳнатӣ хоҳад гардид, бо дили гарм, нерӯи бузург ва ҳисси ватандории амиқ истиқбол гирем. Ба хотири саҳм гирифтан дар хушиҳои рӯзгор, барори кор ва пешрафту пешбурди мардуми кишвар даст ба кори хайр барем, асосан ба масъалаҳои муҳими ҳаёт, ба иҷрои корҳое, ки ба манфиати халқу давлатанд, камар бандем. Зеро имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамаи мову шумо натиҷаҳои мусбии ҳамин гуна кору амалро талаб доранд. Бинобар ин, аз оғози соли 2022 сар карда ҳар яки мо бояд фаъолиятамонро аз ислоҳи нуқсону камбудиҳое, ки доштем, оғоз намуда, манфиати халқу давлатамонро баробар ҳимоя кунем. Зеро пешбурди замон ва офариниши сифату зебои маҳз, бо мадади ҳамдигар падид меоянд. Тоҷикистони азиз ба сӯи фардои аз ин ҳам дурахшону босаодат қадамҳои устувор мегузорад.

Тавре ки Пешвои миллат дар паёми навбатии худ таъкид намуданд, танҳо азму иродаи қавӣ, эътимод ба фардои нек, заҳмати софдилона ва нафъи Ватан ва давлат метавонад моро ба ҳадафҳои олиамон расонад ва мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон – Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд.

Агентии Тоҷикстандарт нақша дорад, ки дар давоми соли 2022 иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаҳои пешбинишударо дар самти тақвият додани назорати бозори истеъмолӣ, мусоидат ба рушди саноат ва дар ин замина тақвият додани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ, ҳамоҳангсозии стандартҳои давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, таъмини ченаки ягона дар хоҷагии халқи мамлакат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва вусъат додани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалии соҳа амалӣ намояд.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

- Саломат бошед!

**Мусоҳиб**
**Мурод АШӮРОВ**



**Давлатзода Раҳмоншо,**
муовини якуми директори Агентии Тоҷикстандарт

# ҲАМКОРИҲОИ БОСАМАР - ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ СОҲА

Агентии Тоҷикстандарт Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷа вобаста ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия намояндагӣ мекунад. Азбаски мақомот дар доираи барномаҳои рушд бо созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд, моро зарур аст, ки вобаста ба паҳлуҳои он маълумот дошта бошем. Роҷеъ ба ин мавзӯъ бо муовини якуми директори Агентии Тоҷикстандарт Давлатзода Раҳмоншо суҳбат намудем, ки фишурдаи онро манзури хонандагон мегардонем.

**- Нахуст мегуфтед, ки мақсад аз ҳамкориҳои Агентии Тоҷикстандарт бо созмону ташкилотҳои хориҷӣ чист?**

- Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ мекунад. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ташкилотҳо ин пеш аз ҳама ба ҳамоҳангсозӣ стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии амаликардаистода бо ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, инчунин, бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо, зиёдкунии иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва ҷорӣ кардани истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд.

**- Айни замон Агентии Тоҷикстандарт аъзо ва ҳамоҳангсози кадом ташкилотҳои хориҷӣ аст?**

- Ёдовар бояд шуд, ки Агентӣ дар ҳоли ҳозир аъзо-кореспонденти ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартҳо (ISO), аъзои Шӯрои байнидавлатии ИДМ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия (ШБД), аъзо – корреспонденти Ташкилоти байналмилалии метрологияи қонунгузор (МОЗМ (OIML), аъзои комилҳуқуқи Созмони ҳамкориҳои Авруосиёгии муассисаҳои давлатии метрологӣ (COOMET), аъзои Ташкилоти байналмилалии стандартизатсия (MAC), аъзои ассотсиявии Созмони байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аккредитатсияи озмоишгоҳҳо (ILAC) ва аъзои Созмони Осиёи Марказӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия (CAC MAS-Q) маҳсуб меёбад.

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила бо ташкилотҳои соҳаи стандартонӣ тайи ду соли охир аз ҷониби Агентӣ бо 10 ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Институти физикӣ-техникии Олмон (PTB), Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон (GIZ), Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои техникӣ (JICA), Институти стандартҳои Туркия (TSE) ва ғайра ҳамкориҳо ба роҳ монда шудаанд. Ҳамчунин, барои узвият дар Пажуҳишгоҳи стандартҳо ва метрологияи кишварҳои исломӣ (SMIIC) ҷиҳати сертификатсияи “Ҳалол” тадбирҳо андешида шуда истодаанд.

**- Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо маҳсуб меёбад ва дар самти татбиқи созишномаҳои созмони мазкур аз ҷониби Агентӣ чи тадбирҳо андешида шудаанд?**

- Воқеан, бо шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро чун як кишвари рӯ ба тараққӣ боз ҳам қавитар кардааст, ки ин, бешубҳа аз сиёсати дурандешонаи Президенти мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини рушди босуботи иқтисодиёти ҷумҳурӣ маншаъ мегирад.

Узвияти мамлакати мо дар СУС фазои сармоягузори беҳтар гашта гардиши савдои хориҷӣ ба маротиб афзуд. Солҳои қаблӣ, агар авлавият дар содирот асосан бо ашёи хом: нахи пахтаву ресмон, хокаҳои маъдан, меваи хушку сабзавот бошад, ҳоло молҳои тайёри истеҳсоли ватанӣ: маҳсулоти қолинӣ, рангҳо, дару тирезаҳои пластикӣ, лӯлаҳои пластикӣ, либосҳои матои ҷинсӣ, варзишӣ, консервҳои меваву сабзавот ҳиссаи бештаре пайдо карданд.

Баъди ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидани ҷумҳурӣ масъулияти Агентии Тоҷикстандарт, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияташ бахри дастгирии соҳибкорӣ нигаронида шудааст, дар мутобиқсозии стандартҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ боло рафтааст.

Аз ҷумла, бо мақсади амалӣ намудани сиёсати давлат дар соҳаи танзими техникӣ, аз байн бурдани монеаҳои техникӣ дар савдои байналмилалӣ дар назди Агентии Тоҷикстандарт Маркази иттилоотӣ оид ба монеаҳои техникӣ дар савдои Созмони умумиҷаҳонии савдо таъсис дода шудааст. Яке аз вазифаҳои ин марказ мувофиқасозӣ регламенти техникӣ бо Кумитаи СУС оид ба монеаҳои технекӣ дар раванди таҳия мебошад. Дар ин давра бошад 19 регламенти техникӣ таҳия ва қабул гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тамоми уҳдадориҳои дар татбиқи созишномаи Созмони Умиҷаҳонии Савдо оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо иҷро гардида, дар заминаи воридшавии ҷумҳурӣ ба СУС Тоҷикстандарт бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандаи маҳсулоти ватанӣ ба хориҷи кишвар, ҳамкориҳоро тақвият дод ва барои таъмин намудани онҳо бо стандартҳои байналмилалӣ, ки омили асосӣ барои содироти маҳсулот ба ҳисоб мераванд, тадбирҳо меандешад.

Умуман, дар заминаи воридшавии Тоҷикистон ба СУС Агентӣ бо корхонаҳое, ки ба истеҳсолот сару кор доранд ва барои содирот ба хориҷи кишвар маҳсулот истеҳсол мекунанд, ҳамкориҳоро тақвият додааст.

**-Чанде қабл Шумо дар доираи гурӯҳи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешниҳоди ҳисобот ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ба шаҳри Женева сафари хизматӣ доштед. Дар ҷаласаи созмони мазкур масъалаи тафсири сиёсати савдои Тоҷикистон чӣ гуна арёзбӣ гардид ва мавқеи Тоҷикистонро дар кадом сатҳ пазируфтанд?**

- Мавриди зикр аст, ки аз санаи 6 то 8 декабр ҷаласаҳои якумин Тафсири сиёсати савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) дар шаҳри Женеваи Швейтсария бо иштироки ҳайати расмии кишвар зери роҳбарии Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва намояндагони 164 кишвари аъзо баргузор гардид.



Дар ҷаласа аз ҷониби намояндаи Тоҷикистон зикр шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақвияти иқтидори содиротӣ, диверсификатсияи содирот ва содагардонии расмиёти савдоро самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар дар соҳаи савдо муайян намуданд.

Баъди узвият дар СУС дар натиҷаи андешидани тадбирҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ сарфи назар аз таъсири паймадҳои омилҳои берунӣ вобаста ба бухронҳои иқтисодию молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, таҳримҳои иқтисодии баъзе давлатҳо ва паҳншавии пандемияи COVID-19 дар ҷаҳон ҳаҷми содирот ду маротиба, номгӯи молҳои содиротӣ 1,8 маротиба, истеҳсоли молҳои саноатӣ 2,1 маротиба ва кишоварзӣ 1,3 маротиба афзоиш ёфта, нахустин бор дар таҷрибаи кишвар Равзанаи ягона оид ба содагардонии амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ, инчунин, Портали савдои Тоҷикистон ҷорӣ карда шуд.

Дар рафти ҷаласа вобаста ба дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодии кишвар давоми қариб 9 соли узвият дар СУС маълумоти муфассал пешниҳод гардид. Баъди пешниҳод кардани маълумот ҷиҳати самаранокии ҳамкориҳо аз ҷониби кишварҳои аъзо аз ҷумла, Федератсияи Русия, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин, Канада, Ҳиндустон, Исландия, Сингапур, Аргентина, Украина, Доминикан, Туркия ва Қазоқистон зиёда аз 156 савол ва изҳорот ба миён омад, ки намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он посухҳои мушаххас доданд.

Раисикунандаи ҷаласаҳо Сафири Ботсвана дар назди СУС ва муҳокимакунандаи (дискаснт) якумин Тафсири сиёсати савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷаласаҳо Сафири Кореяи Ҷанубӣ Таеҳо Ли дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти савдо, бахусус содагардонии расмиёти савдо ва фаъолият дар чаҳорчӯбаи ин созмони байналмилалӣ баланд арзёбӣ намуда, зикр карданд, ки Тоҷикистон дар давраи узвият дар СУС дар ташаббусҳои глобалии савдо фаъолона иштирок карда, рушди миёнасолонаи иқтисодиро дар ин давра 7 фоиз ва рушди миёнасолонаи савдоро 10% таъмин намуд.

Намояндагони кишварҳои аъзо, аз қабили Федератсияи Русия, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин, Ҳиндустон, Туркия, Сингапур, Аргентина, Канада, Қазоқистон, Исландия, Украина ва Доминикан дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар 30 соли истиқлолият, бахусус давоми қариб 9 соли узвият дар СУС натиҷабахш арзёбӣ намуда, иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистонро дар назди СУС тавсиф карданд.

Ёдовар бояд шуд, ки дар ин самт саҳми Агентии Тоҷикстандарт низ назаррас мебошад.

**-Раҳмат барои суҳбати хуб!**

-Саломат бошед.

**Мусоҳиб**
**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# МУСОИДАТ БА РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ КИШВАР



**Шерзода Ситора,**
муовини директори Агентии Тоҷикстандарт

**Ҳукумати кишвар барои татбиқи амалии саноатикунонии босуръати кишвар, ки онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд, барномаҳои зиёдеро рӯи даст гирифтааст. Вобаста ба аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, раванди саноатикунонии босуръати кишвар Пешвои миллат дар паёми навбатии худ солҳои 2022-2026-ро "Солҳои рушди саноат" эълон карданд.**

Саноатикунонии кишвар барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум заминаи мусоид фароҳам меорад. Вақте мо корхонаҳои саноатии худро бунёд мекунем, ҳолати вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ кам мегардад. Дар саноатикунонии босуръати мамлакат соҳибкорон ва касоне, ки имконияти бунёди корхона ва коргоҳҳоро доранд, фаъолона метавонанд иштирок кунанд.

Роҳандозӣ гардидани ҳадафи чоруми мамлакат аз ҷониби Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ба давлати саноатӣ-аграрӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бешак, ин раванд метавонад ба шуғли пурмаҳсул сабаб гардад ва ба ин васила иқтисодиёти мамлакат, бахусус сатҳи зиндагии мардум боз ҳам беҳтар шавад.

Дар қатори дигар вазорату идораҳои дахлдор Агентии Тоҷикстандарт низ ҷиҳати татбиқи барномаи мазкур дар доираи салоҳиятҳои худ мувааззаф гардидааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сифат ва таъмини бехатарии маҳсулоти ватанӣ, таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда, мусоидат ба саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди содирот дар соли 2021 корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектҳои истеҳсолӣ вусъат дода шуда, дар ин давра аз тарафи мутахассисон дар корхонаҳои истеҳсолӣ 2320 маротиба корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба талаботи регламентҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ ва стандартҳои байналмилалӣ амалӣ карда шуд.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истеҳсолкунандагони ватанӣ, санаи 14 декабри соли 2021 дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон семинари омӯзишӣ дар мавзӯи «Риояи талаботи Регламентҳои техникӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ - омили асосии истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва воридотивазкунанда» бо иштироки зиёда аз 60 корхонаҳои истеҳсолии вилоят гузаронида шуда, ба онҳо шакли электронии регламентҳои техникии қабулгардида ройгон тақдим гардид.

Дар доираи нақшаҳои пешбинигардида санаи 4 июни соли 2021 дар бинои Агентии Тоҷикстандарт низ бо иштироки васеи истеҳсолкунандагони тахтасангҳои бетонии роҳрав ва бо мутахассисони соҳа мизи мудавар баргузор гардида буд. Аз тарафи масъулин тамоми паҳлуҳои масъала дар мизи мудаввар баррасӣ гардида, барои риоя намудани талаботи регламентҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ ва стандартҳои байналмилалӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Ҳамзамон, аз тарафи мутахассисони Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд санаи 24 феврали соли 2021 дар самти дастгирии истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ, инчунин, оид ба коҳиш додани воридоти маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла, обҳои маъданӣ ва нӯшокиҳои ташнашикан бо 14 нафар масъулин, роҳбарон ва намояндагони корхонаҳои истеҳсолии ҶСП «Евро-Азия-2005», ҶДММ «Оби Ширин», ҶДММ «Сирдарё», ҶДММ «Султони Хуҷанд», ҶДММ «Чойи Шифо», ҶДММ «Аква Хуҷанд», ҶДММ «Нӯшокиҳои Муҳаббат», ҶДММ «Ширкати Баҳор», ҶДММ «Шарбати мева», ҶДММ «Ориёни Суғд», ҶДММ «Нӯшокиҳои СССР», ҶДММ «Севен стар пласт», корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Дар самти дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва дар ин замина таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар ин давра аз ҷониби Агентии Тоҷикстандарт, аз ҷумла, 19 регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд;

- бо мақсади дастрасии субъектҳои хоҷагидор, хусусан субъектҳои истеҳсолӣ ба ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ сомонаи fehrist-standart.tj таъсис дода шудааст ва айни ҳол шумораи умумии стандартҳо дар сомонаи мазкур 22009 ададро ташкил менамояд;

-тибқи фармоиши директори Агентӣ, дар маҷмӯъ, 220 адад стандарти байнидавлатӣ (ГОСТ), ки дар асоси протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартонӣ, метрология ва сертификатсия ҳамчун стандарти байнидавлатӣ қабул шуданд, ба сифати стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман қабул гардиданд.

## Роҳандозӣ кардани стандартҳои байналмилалӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ

Агентии Тоҷикстандарт ҷиҳати мутобиқ намудани сифати маҳсулоти истеҳсолӣ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ, ҳамчунин, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ дар корхонаҳо ва сертификатсия намудани фаъолияти онҳо ва рӯи ин стандартҳо тадбирҳои зарурӣ меандешад. Дар соли 2021 дар 75 корхонаҳои ватанӣ ҷорӣ намудани низоми менеҷменти сифат ва корҳои сертификатсионӣ ба сомон расонида шуд. Аз ҷумла, дар 32 корхона тибқи талаботи стандарти байналмилалии ISO 9001:2015 - "Системаи менеҷменти сифат", дар 12 корхона тибқи талаботи стандарти байналмилалии "HACCP"- СБД ҶТ 1470:2013 - "Таҳлили хатарҳо ва назорат дар нуқтаҳои таҳдидомез", дар 7 корхона тибқи талаботи стандарти байналмилалии ISO 22000:2018 -"Низоми идоракунии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ", дар 4 корхона тибқи талаботи стандарти ISO 45001:2018 - "Бехатарии меҳнат ва ҳифзи саломатӣ", дар 6 корхона тибқи талаботи стандарти ISO 14001:2015 - "Низоми менеҷменти экологӣ" ва дар 14 корхона тибқи талаботи стандарти "Ҳалол" корҳои сертификатсионӣ ба сомон расонида шуданд.

Дар доираи татбиқи барномаҳои давлатӣ бо мақсади мусоидат ба рушди содироти маҳсулоти кишоварзӣ, таҳияи стандартҳои кишоварзӣ идома ёфта, санаи 20-21 июни соли ҷорӣ дар шаҳри Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон ҷаласаи навбатии гурӯҳи кории техникии минтақавӣ дар ин самт баргузор гардид. Дар кори он лоиҳаи стандартҳои кишоварзии таҳиянамуда, аз ҷумла, стандарт барои хурмои хушк, донаки зардолу ва чормағз мавриди баррасии иштирокчиён-коршиносони минтақавӣ қарор дода шуд. Инчунин, оид ба ворид намудани тағйирот ба стандарт барои себ «ЕЭК ООН FFV-50» қарори дахлдори иштирокчиён қабул карда шуд. Дар кори ҷаласаи баргузоргардида масъалаҳо оид ба стандартҳои бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили стандарти «GLOBAL. GAP» ва доир ба нишони ҷуғрофии маҳсулот низ баррасӣ гардиданд.

Аз рӯи барнома дар корҳои омӯзишии гурӯҳи кории минтақавӣ оид ба таҳияи стандартҳои кишоварзӣ бо мақсади содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз Осиёи Миёна ба бозори Аврупо намояндагон аз давлатҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон иштирок намуданд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои кории минтақавӣ стандартҳои кишоварзӣ барои «Олу», «Харбуза», «Тарбуз», «Шафтолу», «Ангури ошхонагӣ», «Зардолу» ва «Гелос»-и тару тоза пешниҳод карда шуда, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтанд.

## Озмоишгоҳҳои ташхисии молу маҳсулот дар самти тавсеа додани фаъолияти озмоишгоҳҳо:

- озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯроквории дастгоҳи марказии Агентии Тоҷикстандарт, Марказҳои вилоятии Тоҷикстандарт дар Суғду Хатлон ба талаботи стандарти байналмилалӣ ISO/МЭК 17025:2005 мутобиқ гардонида шуда, ваколати байналмилалиро соҳиб гаштанд;

- дар Агентии Тоҷикстандарт маҷмааи озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ ва санҷиши воситаҳои ченак бо тарҳи муосир дар се ошёна бунёд шуд;

- айни замон дар қаламрави кишвар 14 маркази ташхисии минтақавӣ фаъолият мекунад.

## Ташкили озмунҳо

Бояд қайд кард, ки яке аз омили асосии мусоидат ба рушди содирот ин иштироки корхонаҳои истеҳсолӣ дар озмунҳои миллӣ ва минтақавӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон, ҷиҳати баланд бардоштани сифати маҳсулоти ватанӣ ва таъмини рақобатпазирии он дар бозори истеъмолӣ соли 2021 озмуни «Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуда, ҷиҳати иштирок ба озмуни мазкур дар миқёси ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 290 корхона ва ташкилотҳои хизматрасон дархост пешниҳод намуданд. Озмун дар ду давра гузаронида шуда, моҳи август даври вилоятию минтақавӣ ба анҷом расид ва аз шумораи умумии дархостдиҳандагон тибқи баҳогузории комиссияи вилоятии минтақавӣ 116 корхонаю ташкилот ба даври ҷумҳуриявӣ роҳ ёфтанд. Санаи 21 ноябри соли 2021 дар Муассисаи давлатии "Кохи Борбад" маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмуни "Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардида, ба 59 корхонаи истеҳсолӣ ва субъектҳои хизматрасон ғолибон ҷоизаҳои "Лауреат" ва "Дипломант"-и озмун ва тӯҳфаҳои хотиравӣ (телевизор ва микроволновкаҳо) тақдим карда шуд. Ҳамзамон, дар натиҷаи ҷамъбасти даври ҷумҳуриявӣ 57 корхонаи ватанӣ ва субъекти хизматрасон (хизматрасонии хӯроки умумӣ ва нуқтаҳои савдо) ба ҷоизаи махсус сарфароз гардонида шуданд.

Мавриди зикр аст, ки озмуни навбатӣ аз рӯи номгӯи беҳтарин маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти таъиноти истеҳсолию-техникӣ, ҳунарҳои мардумӣ, беҳтарин хизматрасонии хӯроки умумӣ ва нуқтаҳои савдо баргузор гардид.

Ҳамзамон, мутобиқи қарори ҷаласаи Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи давлатҳои аъзои ИДМ соли ҷорӣ озмун оид ба дарёфти Ҷоизаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи дастовардҳои сифат ва хизматрасонӣ гузаронида шуд. Аз ҷониби мутахассисон тавассути амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ду корхонаи ватанӣ ҶДММ «Ҷавонӣ» ва ҶДММ «Қолинҳои Қайроққум» барои иштирок дар озмуни мазкур омода карда шуданд. Озмун дар ду давр гузаронида шуда, ғолибони ин озмун 8-9 декабри соли 2021 дар ҷаласаи навбатии Шӯрои мазкур муайян гардида, ғолиб дониста шуданд. Чунончӣ, тибқи хулосаи ҳакамон ҶДММ «Ҷавонӣ» ба ҷоизаи "Лауреати озмун" ва ҶДММ «Қолинҳои Қайроққум» ба ҷоизаи "Дипломанти озмун" пешниҳод гардиданд.

Ёдовар бояд шуд, ки ин ҳама барои рушди саноатикунонии кишвар ва тақвият бахшидани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, инчунин, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Моро мебояд вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои худ ва барои амалӣ намудани ҳадафҳои Ҳукумати кишвар кӯшиш ба харҷ диҳем. Дар ин сурат мо метавонем, ки барои ободӣ ва пешрафти диёри азизамон саҳми арзандаи худро гузорем.

## ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО

***Чанде пеш, дар бинои Агентии Тоҷикстандарт ҷаласи корӣ бо намояндгони сафорти Ҷумҳурии Туркия ва ҳайати кормандони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ҳамоиш масъалаҳои танзими техникӣ, стандартизатсия ва арзёбии мутобиқат, таҳкими ҳамкорӣ оид ба аккредитатсияи мақомоти сертификатсияи Ҳалол, узвият дар Пажуҳишгоҳи стандартҳо ва метрологияи кишварҳои исломӣ (SMIIC), инчунин, таҳкими ҳамкорӣ дар самти метрология баррасӣ гардид.***



Нахуст, муовини якуми директори Агентии Тоҷикстандарт Давлатзода Раҳмоншо баромад намуда, ҳузури меҳмонон ва ҳозиронро ба маҷлисгоҳи наву замонавӣ хайрамақдам гуфт. Ӯ ҳамзамон қайд кард, ки бо шукргзорӣ аз сулҳу осоиштагӣ ва оромии кишвар мо имрӯз метавонем бо ҳама гӯшаҳои дунё дар дилхоҳ самту соҳа ҳамкорӣ намоем.

Инчунин, Давлатзода Р. дар баромади худ доир ба муносибатҳои хуби ҳамкории Агентӣ бо Институти стандартҳои Туркия (TSE), ҳамчунин, ҷиҳати боз ҳам таҳкими ҳамкориҳо дар самти стандартизатсия, метрология, баҳодиҳии мутобиқат ва аккредитатсия бо мақомоти марбутаи Ҷумҳурии Туркия ибрози назар кард.

Дар идомаи ҷаласаи корӣ котиби сеюми сафорати Ҷумҳурии Туркия Батухан Челеби суханронӣ кард. Мавсуф зимни суханрониаш омодагии мақомоти марбутаи Ҷумҳурии Туркияро ҷиҳати боз ҳам густариши ҳамкориҳо дар самти стандартизатсия, метрология, баҳодии мутобиқат ва аккредитатсия, инчунин, роҳандозӣ кардани курсҳои омӯзишӣ барои табодули таҷрибаи мутахассисони ҳарду кишвар иброз дошт.

**“Стандарт”**



**Сафарзода Мансур,**
муовини директори Агентии Тоҷикстандарт

# ҲАДАФ: НАЗОРАТ ВА ҲИМОЯИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ

**Воқеан, солимии мардум аз бисёр ҷиҳат ба чораҳои пешакии ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридшавии маҳсулоти пастсифату зарарнок ва ба саломатии мардум хатарнок вобастагии калон дорад ва фурӯшандаро зарур аст, ки хизматрасонии мутобиқ ба талаботи меъёрҳоро риоя намояд. Масъалаи ҳифзи бозори истеъмолии мамлакат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар мадди аввали фаъолияти кормандони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар самти пешгирии фурӯши маҳсулоти ғайристандартӣ аз ҷониби мақомот ҳамасола корҳои назаррас ба анҷом расонида мешавад.**

Агентии Тоҷикстандарт дар самти назорати бозори истеъмолӣ татбиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии талаботашон ҳатмӣ, яъне регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ мондааст ва ин амал барои ба танзим даровардани бозори истеъмолӣ мусоидат менамояд. Дар ин давра назорати бозори истеъмолӣ пурзӯр карда шуда, ҷиҳати ҳимояи он аз воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва хатарнок чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Дар ин робита давоми соли 2021 дар натиҷаи гузаронидани назорати давлатӣ ба миқдори 438 779 кг маҳсулоти гуногуни ба талабот ҷавобгӯ набуда, ба қайд гирифта шудааст, ки як қисми ин маҳсулот аз ҷиҳати бехатарӣ ва қисми дигари он аз рӯи тамғагузорӣ дар борҷомаашон ба талабот ҷавобгӯ набуданд.

Дар ин давра вобаста ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунадагон ва ҳимояи бозори истеъмолӣ оид ба воридшавии маҳсулоти ғайристандартӣ аз тарафи нозирон дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар 8285 субъекти хоҷагидор санҷиш ва назорати қоидаҳои савдо гузаронида шуд.




Дар самти таъмини риояи қонунгузории соҳаи моликияти зеҳнӣ ва дар ин замина таъмини риояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз тарафи нозирон якҷоя бо намояндагони ширкатҳое, ки тамғаи молии ҳимояшудаи онҳо дар бозори истеъмолӣ аз тарафи дигар соҳибкорон истифода шудааст, санҷишҳо амалӣ карда шуд. Дар ин давра ба Агентии Тоҷикстандарт аз тарафи ҶДММ «Кока Кола Нӯшокиҳои Тоҷикистон» (нӯшокиҳои ташнагишикан), ҶДММ «Текмаксан» (ранги сохтмонӣ), ҶДММ «Сардор-2008» (донаи офтобпараст), ҶДММ «Адана» (шири хушк), соҳибкори инфиродӣ Абдурауфов Р. (халтаҳои полиэтиленӣ) ва Давлатов С. (ранги сохтмонии «Алван») аризаҳо оид ба ҳимояи тамғаи молии онҳо ворид гардиданд. Бояд қайд кард, ки дар нуқтаҳои савдо ва бозорҳои ҷумҳурӣ санҷишҳо гузаронида шуда, тибқи тартиби муқарраргардида нисбат ба соҳибкороне, ки ба қонуншиканӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ роҳ доданд парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд. Инчунин, бо мақсади пешгирӣ дар самти сохтакории молҳои саноатӣ, истифодабарии тамғаҳои молӣ ва умуман назорати қонунгузории соҳаи моликияти зеҳнӣ нозирон дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ санҷишҳои муштарак гузарониданд.

Дар доираи ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридоти бозичаҳои пластикии пастсифат ва хатарнок мутахассисони нозироти савдои Агентӣ дар бозорҳо ва нуқтаҳои савдо санҷиш гузаронида, ба миқдори 70728 дона бозичаро ошкор намуданд, ки ба талаботи регламенти техникӣ ҷавобгӯ набуданд. Нисбат ба соҳибкороне, ки ин бозичаҳоро бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи сифат ва бехатарӣ ба муомилот баровардаанд, мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чораҳои зарурӣ амалӣ карда шуданд.

Ҳамчунин, оид ба риояи қоидаҳои савдо ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон тавассути гузаронидани вохӯрӣ ва семинар - машваратҳо бо истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон ва соҳибкорони воридкунандаи молу маҳсулот корҳои фаҳмондадиҳӣ тақвият дода шуданд, ки дар натиҷа аз ҷониби соҳибкорони масъулиятшинос ба Агентӣ барои нобудсозии маҳсулоти ғизоии муҳлати истеъмолиашон гузашта дархост ворид шудааст. Аз ҷумла, бо дархости соҳибкорон зиёда аз 90290 кг маҳсулоти гуногуни хӯроквории, ки муҳлати истеъмолиашон гузаштаанд, ба анбори нигоҳдории муваққатии Агентӣ барои нобудсозӣ супорида шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ мутахассисони нозироти савдо бо роҳбарони бозорҳои шаҳри Душанбе, аз ҷумла, бо соҳибкорони ҶСК «Бозори Фаровон», бозорҳои «Меҳргон» ва «Саховат», «Панҷшер», «Ганҷина», «Султони Кабир», «Бозори Деҳқон»-и шаҳри Душанбе ва бозору марказҳои савдои ноҳиявию вилоятӣ оид ба риояи қоидаҳои савдо ва хизматрасонӣ, ҳолатҳои риоя накардани қонунгузории ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон вохӯриҳо  гузаронида, тариқи телевизион пахш карда шуд. Инчунин, маъмурияти бозорҳо, марказҳои савдо, соҳибкорони инфиродӣ ва нуқтаҳои хизматрасон вазифадор гардиданд, ки соҳибкорон, фурӯшандагон ва ҳайати хизматрасонро бо либоси ягонаи махсуси корӣ ва нишони сарисинагӣ таъмин намоянд.

Назорати масъалаи бо либоси ягонаи корӣ таъмин будани фурӯшандагони нуқтаҳои савдо ва бозорҳо пурзӯр гардида, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон намудани талаботи муқарраргардида оид ба либоси ягона чораҳои маъмурӣ андешида шуданд.

Дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, таъмини риояи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар раванди гузаронидани назорати давлатӣ дар субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурӣ аз ҷониби мутахассисони Агентӣ барои риоя накардани талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ, вориду фурӯши маҳсулоти пастсифат ва хатарнок дар 8864 ҳолат ҷарима таъин гардида, ба буҷаи давлатӣ пардохт шудаанд.

Вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ин давра 122 аризаи шикоятии шаҳрвандон, ки мазмуни аксарияти онҳо аз паст будани сифати молу маҳсулот ва фиреби истеъмолкунандагон иборат мебошад, аз тарафи масъулони соҳа баррасӣ гардиданд.

Ҳадафи мо назорат ва ҳимояи бозори истеъмолӣ, яъне пешгирӣ аз воридот ва фурӯши молу маҳсулоте, ки ба талабот ҷавобгӯ нест, инчунин, дарёфт ва аз муомилот гирифтани молу маводҳои пастсифат ва зараррасоне, ки ба ҳаёти одамон хатар дорад, мебошад. Дар баробари ин, аз ҳамаи шаҳрвандон ва сокинони кишвар хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми мушоҳида ва дарёфти молу маҳсулоте, ки ба талабот ҷавобгӯ нест ва ё муҳлати истеъмолиашон гузаштааст, ба Агентии Тоҷикстандарт муроҷиат кунанд. Ҳамкории истеъмолкунандагон бо мақомот барои таъмини саломатии мардум, хусусан наслиояндаи кишвар мусоидат мекунад.

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИМКОНИЯТҲО - МУСОИДАТ БА РУШДИ ПИЛЛАПАРВАРӢ

«Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад».

**Эмомалӣ Раҳмон**



**Аҳмадҷон Туманов,**
сардори Нозироти пахта ва пиллаи Агентии Тоҷикстандарт

Пилла ашёи хоми қиматнокест, ки барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва молҳои ниёзи мардум истифода мешавад. Пиллапарварӣ на танҳо манбаҳои даромади хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат мебошад, балки як даромади хуби мардуми деҳот низ ба ҳисоб меравад.

Дар гузашта қариб дар тамоми шаҳру деҳаҳои мамлакатамон парвариши пилла дар авҷи баланд буд. Барои парвариши он қариб дар ҳар хона, хусусан дар деҳот ҷойҳои алоҳидаро ҷудо намуда, катакҳои чандқабата низ барои ҷо ба ҷо кардани кирми пилла омода месохтанд. Умуман, парвариш ва ҷамъоварии пилла ба як маъракаи ҷамъиятӣ табдил шуда буд ва ин ҳама тарадуду саргармиҳо як завқи хосаи худро дошт.



Мутаассифона, парвариши пила ва коркарди он дар мамлакатамон тайи чандсолаҳои охир коҳиш ёфта, ба парвариш ва нигаҳдории он камтар таваҷҷуҳ мешавад. Коргоҳҳои зиёд ва маконҳое, ки пилла дар он нигаҳдорӣ мешуд аз назар дур монданд. Дар баробари ин тутзорҳое, ки ягона манбаи ғизои кирмаки пилла буданд, баъзеяшонро шахсӣ карданд, бархе дигарашонро бошад, ҳамчун маводи сӯхт истифода намуданд.

Бо роҳандозӣ гардидани ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар аз тарафи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хушбахтона ба масъалаи парвариш ва коркарди пилла таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Ҳамин буд, ки Пешвои миллат дар паёми охирини худ вобаста ба масъалаи парвариши пилла қайд карданд, ки ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ, ки барои таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус, барои занону бонувон имконият медиҳад, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки истифодаи самаранокии имкониятҳои мавҷударо таъмин намоянд.

Барои рушд ва инкишофи парвариш ва коркарди пилла замини тутзорҳо ба муддати 10 сол аз пардохти андози ягонаи замин, инчунин, шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии дастӣ машғуланд, аз пардохти андозҳо пурра озод карда шуданд. Дар баробари ин, Пешвои миллат ба ниҳодҳои дахлдор супориш доданд, ки нисбати нафароне, ки тутзорҳои давлатиро моликияти шахсии худ кардаанд ва ё аз он ҳамчун маводи сӯхт истифода мекунанд, чораҳои қатъӣ андешанд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки акунун парвариш ва коркарди пилла дар кишвар мисли солҳои гузашта дубора эҳё мегардад. Аз нав эҳё гардидани самти пиллапарварӣ ба рушди саноати кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар баробари ин, ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд, сатҳи бекорӣ коҳиш меёбад, инчунин, ба занону бонувони кишвар шароити хуби корӣ фароҳам мегардад.

Дар робита ба ин, нозироти пахта ва пиллаи Агентии Тоҷикстандарт зарур донист, ки барои баланд бардоштани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти пахта ва пиллаи рақобатпазир ва ҳифзи бозори истеъмолии кишвар ухдадориҳои худро дучанд кунад. Вобаста ба ин, мо тасмим гирифтем, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотиро бештар намоем, инчунин, мақсад ва ҳадафи Ҳукумати кишварро роҷеъ ба масъаҳои рушди саноатикунонӣ бо масъулони коргоҳу корхонаҳое, ки ба коркарду истеҳсоли пахта ва пилла машғуланд вусъат диҳем.

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ ДАР СОЛИ 2021



7 январи соли 2022 бо иштироки кормандони дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони марказҳои вилоятию минтақавӣ ҷаласаи мушовараи ҷамъбасти фаъолияти Агентии Тоҷикстандарт дар соли 2021 баргузор гардид.

Вобаста ба масъалаи рӯзномаи ҷаласа аз ҷониби директори Агентӣ Темурҷон Абдулваҳобзода соҳаҳои фаъолияти мақомот ва марказҳои зерсохтори мақомот дар ин давра мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати ба иҷро расонидани вазифаҳои навбатӣ дар соли 2022 ба масъулин дастуру супоришҳо дода шуд.

Дар заминаи ҳисоботи пешниҳодгардида дар ин давра вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаву стратегияҳои давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, дастгирии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ, баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ҷалби васеи корхонаҳои ватанӣ, ҳифзи бозори истеъмолӣ аз воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон корҳои мушаххас, аз ҷумла, ҳамоҳангсозии стандартҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, таъмин намудани истеҳсолкунандагон бо санадҳои меъёрӣ, гузаронидани семинар - машваратҳо бо ҷалби корхонаҳои ватанӣ, таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои ташхисӣ, ҷорӣ намудани низоми менеҷменти сифат тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар корхонаҳои ватанӣ, тақвият додани назорат дар бозори истеъмолӣ ба сомон расонида шудаанд.

Дар раванди ҷаласа, аз ҷумла, самтҳои фаъолияти марказҳои зерсохтор ҷиҳати ҳимояи бозори истеъмолӣ, назорати давлатии воситаҳои ченак, корбурди озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ ва сертификаткунонии молу маҳсулот, мусоидат ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, масъулини соҳа ва роҳбарони марказҳои вилоятию минтақавии Агентӣ вазифадор карда шуданд, ки оид ба камбудиҳои ҷойдошта нақша-чорабиниҳо тартиб дода, ҷиҳати бартараф намудани онҳо дар фаъолияти минбаъда тадбирҳои амалӣ андешанд.

Дар охир аз ҷониби намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҷӯразода Кабир фаъолияти Агентӣ дар соли 2021 натиҷагирӣ шуда, ҳамзамон, вобаста ба иҷрои сариваҳтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, супоришу нақша - чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаву стратегияҳои давлатӣ бо мақсади саҳми муносиб гузоштан дар саноатикунонии босуръати мамлакат, баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, дар ин замина дастгирии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ, ҳифзи бозори истеъмолӣ аз воридоти молу маҳсулоти пастсифат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, тақвият бахшидан ба рушди хизматрасониҳо, ба танзим даровардани фаъолияти бозору нуқтаҳои савдо, инчунин, бозомӯзии кормандон, риояи одоби хизмати давлатӣ, интизоми меҳнат, ба тартиб даровардани коргузориҳо, татбиқи қонунҳои амалкунанда ва дигар дастуру санадҳои меъёрии соҳа супоришҳои мушаххас дода шуд.





*Аксар аз шаҳрвандон бар он назаранд, ки баъд аз истифодаи таҷҳизоти барқӣ, ҳангоми аз хона ё коргоҳ берун рафтан таҷҳизотро хомӯш намудан, вале дар ҳолати васлакро аз шабакаи барқ ҷудо накардани ашёҳои маишӣ нерӯи барқ қатъ мегардад ва сарф намешавад, аммо чунин нест.*

# ДОНИСТАН ХУБ АСТ

**1.** Пурра ҷудо накардани ноқилҳои таҷҳизоти барқӣ бар зарари ҳар як хонавода аст. Яъне ҳангоме, ки таҷҳизоти барқӣ хомӯш аст, вале васлак аз барқ ҷудо нест дар ин ҳолат нерӯи барқ сарф мешавад.

Ба ҳисоби миёна маҳз бо сабаби васлакро аз шабакаи барқ ҷудо накардан ҳамасола ҳар як хонавода тақрибан ба ҳисоби миёна то 580 килловат нерӯи барқро беҳуда сарф мекунад ва барои он маблағ месупорад. Агар ин сифро ба арзиши барқ, ки 22,66 дирамро ташкил медиҳад зарб занем 131 сомонию 42 дирамро дар бар мегирад. Дар баъзе хонаводаҳо шояд аз ин ҳам зиёдтар маблағ беҳуда харҷ гардад.

Аз ин рӯ, барои сарфакории нерӯи барқ ва маблағҳои хонаводагӣ кӯшиш кунед, баъд аз истифодаи таҷҳизоти барқии маишӣ васлакҳоро аз шабакаи барқ пурра ҷудо карданро фаромӯш накунед.

**2.** Оё медонед, ки нодуруст ҷобаҷогузорӣ кардани таҷҳизоти барқии маишӣ низ сабаби харҷи беҳудаи нерӯи барқ аст. Масалан, агар яхдонро дар паҳлуи плитаи хӯрокпазӣ ва ё тафдон ҷой кунем, пас аз ҳисоби яхдон ба ҳаҷми 30 фоиз нерӯи барқ талаф меёбад. Дар чунин ҳолати ҷобаҷогузорӣ таҷҳизоти пухтупазӣ аз худ ҳангоми истифода гармии зиёд хориҷ мекунанд ва дар натиҷа яхдон барои сард шудани дохилаш нерӯи барқро зиёд сарф мекунад.

**3.** Як омили сарфакории нерӯи барқ ва маблағҳои хонаводагӣ он аст, ки ҳангоми интихоби таҷҳизоти барқии маишӣ шитоб накарда, ҳамеша ба тамғақоғази он таваҷҷуҳ намоед. Ба дараҷаи самаранокии он диққат дода баъдан харидорӣ кунед.

**4.** Замона дар ҳоли рушд аст ва ҳар нафар хонаи худро мехоҳад ба таври муосир таъмир кунад. Аксаран баъд аз таъмири хонаи худ барои равшан гардонидани ҳуҷраҳо намуд ва теъдоди зиёди фурӯзонакҳоро интихоб мекунанд, ки дар натиҷа талафоти нерӯи барқ ҳам зиёд мегардад. Омили сарфакории дигари нерӯи барқ он аст, ки фурӯзонакҳоро вобаста ба ҳаҷми ҳуҷраҳо интихоб бояд кард.

**5.** Агар мехоҳед, ки тамоми умр маблағҳои хонаводагии шумо аз ҳисоби сарфи нерӯи барқ камтар харҷ шавад, пас пеш аз бунёди хона ба як чиз таваҷҷуҳ кунед. Ҳангоми бунёди хонаи нав аз масолеҳи сохтмонии хусусияти муътадил нигоҳдорандаи гармиву сардӣ истифода баред. Масалан бо хишти пухта бунёд кардани девор метавонад талафоти харҷи беҳудаи барқ ва дар баробари ин маблағҳои шуморо пешгирӣ кунад. Дар ҳоли истифодаи хиштҳои сементӣ агар таҷҳизоти барқии гармидиҳанда шабонарӯзӣ кор кунад ҳам гармии дар хона таъминшуда 1 баробар зиёд талаф меёбад ва ин зарба ба иқтисоди хонаводагӣ хоҳад шуд.

# Гурбаи миллионер



Маълумот дар бораи шахсони зиёде, ки танҳо зиндагӣ кардаву одатан ба нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ машғуланд, чандон наву ҷолиб нест. Вале вақте кор то он ҷое мерасад, ки бархе аз ҳайвонҳо пас аз марги соҳибонашон молики дороии эшон мегарданд, ин аҷиб аст.

Масалан, чанде қабл Карл Лагерфелд, тарроҳи машҳури ширкати мӯди «Chanel» аз бемории саратони меъда дар синни 85-солагӣ фавтид. Азбаски ӯ зану фарзанд надошт, тамоми дороии худ - 200 миллион доллари амрикоиро ба ҳисоби гурбааш бо лақаби Шуппет гузаронд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Шуппет айни ҳол доротарин ҳайвони олам аст.

# ҲАЗАР АЗ ХӮРДАНИ ГӮШТ



■ Собиқ Президенти ИМА Билл Клинтон баъди гирифтор шудан ба беморидил 15 сол аст, ки гӯшт намехӯрад.



■ Асосгузори «Twitter» Биз Стоун низ 10 сол боз аз гӯшт парҳез кардааст. Муассиси «Detlam Records» Расал Симонс барои ҳифзи ҷони ҳайвонот гӯшти онҳоро истеъмол намекунад.



■ Собиқ мири шаҳри Нью-Йорк Кори Букер 20 сол ва собиқ роҳбари «Уолт Дисней» Майкл Эйнер аз соли 1994 инҷониб гӯшт нахӯрдаанд.



■ Ҳунарпешаи маъруфи Голливуд Вин Дизел низ чанд сол қабл аз хӯрдани гӯшт даст кашид.

# ДАВОИ АҶОИБИ СТРЕСС

**Олимони британӣ дар ҳолатҳои ташвиш, нороҳатӣ ва стресс воситаи беҳтарин мутолиаро муайян намуданд.**



Пажӯҳиши олимон муайян намуд, ки мутолиа дараҷаи стрессро 68 фоиз кам мекунад. Ҳамагӣ барои суст сохтани мушакҳо ва муътадил намудани суръати тапиши дил шаш дақиқа мутолиа намудани рӯзнома, маҷалла ё китоб кифоя аст. Шунидани мусиқӣ дар 61 фоизи ҳолатҳо стрессро кам менамояд.

Стандарт

НАШРИЯИ ТАҲЛИЛИЮ ИТТИЛООТИИ «СТАНДАРТ» АЗ МОҲИ ЯНВАРИ СОЛИ 2022-ЮМ НАШР МЕШАВАД.

МУАССИС:
АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ

САРМУҲАРРИР:
Мурод Ашӯров

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Т. Абдулваҳобзода,
Р. Давлатзода, С. Шерзода,
М. Сафарзода,
Ғ. Муҳиддинов,
И. Саъдуллозода

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Фирдавси Абдураҳмон
*муҳаррир*
Ойгул Одинаева
*хабарнигор*

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №284 соли 2022 номнавис шуда, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар як моҳ ду маротиба чоп мешавад. Нашри маводи рӯзнома бе иҷозати идора манъ аст.

Нишонаи идора:
734018, ш. Душанбе,
кӯч. Н. Қарабоев 42/2,
Тел.: 233-68-69, 233-90-47.

МСМС ва НС Суғд Суроға: ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47. Телефони боварӣ: 8-34-22-408-73 E-mail: sugdstandard@mail.ru

МСМС ва НС Хатлон Суроға: ш. Бохтар, кӯчаи Ваҳдат 23. Телефони боварӣ: 361-71, 361-68, 283-16 E-mail: hatlonstandard@mail.ru

РСМС ва НС ВМКБ Суроға: ш. Хоруғ Телефони боварӣ: 93-505-22-11

РСМС ва НС Кӯлоб Суроға: ш. Кӯлоб Телефони боварӣ: 918-80-24-21

Рӯзнома дар чопхонаи «Мега - принт» нашр шудааст.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 36.

Теъдоди нашр: 3000 нусха